**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ дар мавзуи «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023).**

Диссертатсияи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ – «Ислоҳоти конститутсионӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» бахшида шудааст. Аз таҳлили автореферати диссертатсияи мазкур муайян гардид, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Конститутсия заминаи пешрафти ҷомеа ва давлат ба шумор рафта, дар асл он ҳуҷҷати муҳим ва асосии давлат ба шумор меравад, маҳз дар он асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мафкуравӣ ва ҳуқуқӣ муайян мегарданд. Ҳамчунин, бо мақсади мушаххас  ва аниқтар намудани давраҳои инкишофи таърихӣ бо назардошти равандҳои нави муносибатҳои инкишофи ҷамъиятӣ, меъёрҳои Конститутсия низ такмил меёбанд. Такмили Конститутсия  пеш аз ҳама баҳри пешрафти ҷомеа, рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии мамлакат заминаҳои мустаҳками ҳуқуқиро муҳайё менамояд. Бо рушди ҷомеа Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба такмил эҳтиёҷ пайдо менамоянд. Хусусан дар марҳилаи гузариш аз як сохт ба сохти дигар рушд меёбад. Ташаккули меъёрҳои Конститутсия бо инкишофи муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ алоқаманд буда, барои такмили он тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ворид карда мешавад. Аз ин ҷо рушди падидаҳои конститутсионӣ дар раванди тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи ҶТ муҳим ва сари вақтӣ мебошад. Муҳимтарин шарти рушди ҷомеа ва давлат ин устувории Конститутсия ба

ҳисоб меравад. Конститутсия дар асл бояд қатъӣ ва тағйирнопазир бошад. Ҳамчунин. дар ҳолати диалектики қарор дошта, мувофиқи рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ иншикоф ёбад.

Бинобар ин дар ташкилу бунёди Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсия ҳамчун санади бунёдгузори давлатӣ нақши калиди дорад. Конститутсия санадест, ки заминаҳои меъёрии бунёди давлатро баҳри пайвасти насли гузаштаву оянда ба миён овард.

Дар ин росто, таҳқиқи анҷомдодаи муаллифи автореферат дар ҳалли ин масоили мубрам нақши калон мебозад. Дар таҳқиқоти мазкур муаллиф назари худро роҷеъ ба як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии мансуб ба ислоҳоти конститутсионӣ, аз ҷумла омилҳои пайдоиш ва инкишоф, марҳилаҳои асосии ислоҳоти конститутсионии кишвар, ғояҳои илмӣ ва принсипҳои ҳуқуқии ислоҳоти конститутсионӣ, ташаккули мақомоти давлатӣ дар заминаи ислоҳоти конститутсионӣ пешкаш намудааст.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Аз ин нуқтаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Шерализода Ҷомӣ Шералӣ илман асоснок буда, бо далелу асосҳои бовари бахши назариявӣ, ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ мустаҳкам шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат ба танзими қонунгузорӣ оид ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҶТ равона гардидааст.

Ҳамчунин, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснокии таҳқиқоти анҷомдодаро нишон медиҳад.

Дар маҷмӯъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Шерализода Ҷомӣ Шералӣ мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯи мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи Шерализода Ҷомӣ Шералӣ доир ба автореферати диссертатсия эроди зеринро пешниҳод менамоем. Аз

ҷумла, муаллиф дар боби якуми зербанди сеюм қайд намудааст, ки дар натиҷаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия таъинот ва ҳолати меъёрҳои муайяни он дигаргун мегардад ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ба ҳалли чунин масъалаҳо равона мегарданд: тағйиротҳои хусусияти имлоидошта, тағйиротҳои хусусияти мушаххаскунандаю дақиқкунандадошта, тағйиротҳое, ки хусусияти хориҷнамоиро дороанд, ворид намудани меъёри нави конститутсионӣ, ки мазмуни онҳо норавшан аст. Хуб мешуд, ки агар муҳаққиқ андешаи худро вобаста ба масоили мазкур баён менамуд.

Ин эрод хусусияти ҷузъӣ дошта, қиммати автореферати диссертатсияро коста намегардонад. Аз ин рӯ, гуфтан имконпазир аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шерализода Ҷомӣ Шералӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Директори Муассисаи давлатии
«Маркази барномаҳои байналмилалӣ»
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Одиназода Р.С.**

**Имзои Одиназода Р.С. - ро тасдиқ мекунам**
Мудири бахши коргузорӣ, кадр ва ҳуқуқи
Муассисаи давлатии «Маркази
барномаҳои байналмилалӣ» **Имомов М.М.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода 47.**
**Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ». Тел: +992 (37) 223-23-59. E-mail: mbb-2008@mail.ru**
**«10» 05 соли 2023**